«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода д.и.ф., профессор
__________ Гулназарзода Ж.Б.
«_31_» _октябри_ 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа. Душанбе, 2023. – 168 с.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзӯи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мутобиқат менамояд.

Илми фалсафаи тоҷик чанд соли охир дар масъалаи омӯхтани хусусиятҳои фалсафии осори назмиву насрии адибони классикии форсу тоҷик ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст ва дар атрофи масоили алоҳидаи он як қатор асарҳо ба нашр расиданд. Бо вуҷуди он дар ин самти таҳқиқ то ба ҳол боз ҷанбаҳои омӯхтанашудае мавҷуданд, ки интизори пажуҳиш мебошанд. Мавриди таҳқиқ қарор надоштани масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз чунин масъалаҳо ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихоб намудаи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, метавонад дар ошкорсозии масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ барои таҳқиқоти минбаъда ҳамчун раҳнамо хидмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани аҳамияту арзиши осори гаронбаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун сарчашмаҳои муҳими омӯзиши масъалаи фалсафаи инсон бахшида шудааст.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми фалсафаи тоҷик баҳри кушода шудани гиреҳи муаммоҳои дар масъалаи фалсафаи инсонӣ ҷойдошта мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии пажуҳиш, пеш аз ҳама, ба риштаи таҳлил кашидани осори гаронарзиши Абдурраҳмони Ҷомӣ аз нуктаи назари фалсафӣ буда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ақидавк таъкидҳои Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ дар масъалаи фалсафаи инсон комил нишон дода шавад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович кори таҳқиқии комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии

илмӣ бархурдор мебошад. **Навгонии илмии** ин кори таҳқиқӣ дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар таърихи фалсафа масъалаҳои инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ таҳқиқ шудааст.

**Аҳамияти назарию амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки ин кор ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани аҳамияту арзиши ақидаҳои фалсафии Абдурраҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Илова бар ин, матолиби рисоларо метавон дар дар корҳои тарғиботию ташвиқотӣ доир ба беҳдошти фарҳанги миллӣ, худшиносии миллӣ ва тарбиявию ахлоқӣ истифода бурд.

Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович аз се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ боз ба зербобҳо ҷудо карда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с. 3-14) мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадафу объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби аввали диссертатсия – **“Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ”” (с. 15-67),** аз се фасл фароҳам омада, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки **заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомиро** нишон диҳад.

Муаллиф нахуст дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми шоиставу арҷманд доштани осори бебаҳои Абдурраҳмони Ҷомиро таъкид карда қайд менамояд, ки Абдурраҳмони Ҷоми танҳо шоир набуда файласуфи чирадаст низ маҳсуб меёбад.

Баъдан диссертант дар зербобҳои алоҳида ба монанди “Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ”, “Зиндагӣ, осор ва махсусиятҳои ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ” ва “Асосҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ” барин масъалаҳои муҳимро таҳлилу баррасӣ карда, хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагонӣ ва фаъолияти эҷодии Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ хусусияти гуногунрангие дошт, ки он дар ташаккули андешаҳои мутафаккир ҳам таъсири манфӣ ва ҳам таъсири мусбат расонидааст. Ҳамчунон зикр мекунад, ки муборизаҳои шадиди сиёсӣ миёни ҳокимону сиёсатмадорони давр (замони ҳукмронии Темур), манфиатхоҳиву зулму истибдод нисбати мардум аз ҷониби онҳо, маҳдуд намудани фаъолияти озодандешону донишмандон, ҷонибдорӣ аз шариати оммавӣ ва монанди инҳо омилҳои таъсирбахш ҷиҳати коста гардидани илму фарҳанг ба ҳисоб мерафтаанд. Илова бар ин, вусъат гирифтани муборизаҳои ақидативию мазҳабӣ омили дигари хусусияти консервативӣ касб намудани илму маънавиёт ва фарҳанг буда, дар чунин муҳит баёни андешаҳои созанда ва хусусияти ақлгароидошта, аз як ҷониби ҷуръату таҳамтанӣ ва аз ҷониби дигар сарсупурдагии мутафаккирони даврро дар нисбати илму маънавиёт ва ояндаи инсонӣ ифода менамояд.

Боби 2-юми диссертатсия **“Андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ”” (с.69-147)** унвон гирифта, дар онҳо муаллиф бо фарогирии се зербоб **оиди** “Инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ”, “Масъалаҳои ахлоқ дар фалсафаи Абдураҳмони

Ҷомӣ” ва “Масъалаи инсони комил дар тасвири Абдураҳмони Ҷомӣ” **сухан меронад.**

Дар натиҷаи таҳлил диссертант ошкор кардааст, ки инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам дар доираи таълимоти тасаввуфӣ ва ҳам ахлоқию иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди хусусияти печидагӣ ва асроромезӣ доштани таълимоти ирфонӣ, аммо мутафаккир кӯшиш намудааст, ки бо дидгоҳи воқеӣ ба шарҳи масъалаи инсон ва таҳлили табиату моҳияти он пардозад. Масъалаи мавриди назар дар таълимоти ахлоқию иҷтимоии мутафаккир возеҳтар ба назар мерасад ва ба воқеияти айнӣ мутобиқат менамояд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, моҳияти аслии инсонро дар худшиносӣ ва дарки нерӯҳои моҳиятии худ медонад, ки маҳз ҳамин нерӯҳо инсонро такмил ва ба асли хеш раҳнамоӣ менамоянд.

Дар таҳқиқи худ диссертант ба хулосае омадааст, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар доираи назарияи “инсони комил” масъалаи озодии ирода ва озодии фикрии инсонро, ки ба ҳеҷ мазҳабу ҷараён вобаста нестанд, матраҳ намудааст, ки дар чунин шакл дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Инсони комил шахсест, ки худро шинохтаю мақсаду моҳият ва масъулияти хешро дар низоми ҳастӣ муайян карда бошад. Ин гуна инсон созанда, бунёдкор ва намунаи ибрати дигарон хоҳад шуд.

Аз муваффақиятҳои диссертатсия хулосабарориҳои мушаххаси илмиро номбар кардан мумкин аст, ки дар охири ҳар боб дар алоҳидагӣ оварда шудааст. Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмии бадастомада дар 6 банд пешниҳод гардида, 5 тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ сабт шудааст. Сарчашмаҳои илмӣ, бадеӣ ва захираҳои электрониро муҳаққиқ дар 210 номгӯй дар охири диссертатсия сабт намудааст.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраев М. Б. таҳқиқоти ҷиддӣ, анҷомёфта ва арзишманди илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир

мегардад, ки масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷомӣ бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст ва далели онҳо бо зикри маводи фаровон ошкор гардидааст.

Таҳқиқоти мавриди баррасӣ дар оянда барои ҳамвор гардидани роҳ дар пажуҳиши масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ мадади калон расонида, аҳамияти илмиву амалияш маҳз дар ҳамин нукта зоҳир мешавад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо дар он баъзан мафҳумҳои нофаҳмо (с. 37 (ҷо-ҷои), 38 (саршинос), с.110 (Ба шохи одамият меваи унс…) ва хатогиҳои имловӣ (с. 41 (Самарканд), с. 51 («Юсуф ва Зулайхо»), с. 52 (хикматноки), с. 77 (Мвлоно), 86 (концептуализм), с. 120 (интеллигенцияро), с. 131 (калимаи марҳила дар як ҷойи саҳифа марҳила ва дар ҳамин саҳифа марҳала навишта шудааст), с. 151. (неоплатонизм бояд навафлотуния навишта шавад), с. 111 (катъият) ва ғ.) ба назар мерасанд.
2. Дар рисола ҳангоми қайд намудани эзоҳ (сноска) ба тартибот риоя карда нашудааст (саҳ. 57. 58, 65, 81 ва ғ).
3. Диссертант дар муқаддима ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони тоҷик бештар такя кардааст ва аз таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ камтар сухан рондааст. Барои беҳбудии кор миқдори таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва дастовардҳои онҳоро шарҳ додан лозим аст.
4. Дар кори илмӣ баъзан рақамҳои иқтибосҳои дохили рисола бо рақамҳои рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунанд.
5. Дар диссертатсия баъзан қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ риоя нашудааст (саҳ. ..., 133, 134, 142, 150, 153 ....), инчунин ғалатҳои

имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 23, 24, 25, 28, саҳ. 29, саҳ 31, саҳ 33, саҳ 45) ба назар расиданд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажуҳиши мазкурро паст намегардонанд.

Мазмуни диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» бо фишурдаҳои он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудаанд, инчунин мақолаҳое, ки 4-тои онҳо дар нашрияҳои маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дохилшаванда интишоркардаи муаллиф комилан мувофиқ буда, муҳтавои тадқиқотро пурра инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** бо он собит мешавад, ки ӯ мутахассиси соҳаи таърихи фалсафа буда, диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф комилан мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии **09.00.03-таърихи фалсафа** таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси илмии 09.00.03-таърихи фалсафа аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардида, бо қарори №3 аз 24-уми октябри соли 2023-юм тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раисикунанда:**
мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент Маҷидов Д.Ҳ.

**Эксперт:** н.и.ф., дотсенти кафедраи
фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сулаймонов
Б.С.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Мирова Н.Р.

Имзоҳои Д.Ҳ., Маҷидов, Б.С., Сулаймонов
ва Н.Р. Мироваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Ф. Мухаммадиев 17/6
Тел.: +992 (37) 232-51-04. 232 50 00,
Сомона: www.ddzt.tj